З. Ж. Мамбетова
Т. В. Архипова



# ВАТАНШИНОСӢ

1

## КЫРГЫЗ РЕСПУБЛИКАСЫНЫН МАМЛЕКЕТТИК ГЕРБИ




## КЫРГЫЗ РЕСПУБЛИКАСЫНЫН МАМЛЕКЕТТИК ТУУСУ



## КЫРГЫЗ РЕСПУБЛИКАСЫНЫН МАМЛЕКЕТТИК ГИМНИ

*Сөзү: Ж. Садыков, Ш. Кулуевдики*
*Музыкасы: Н. Давлесов, К. Молдобасановдуку*

Ак мөңгүлүү аска-зоолор, талаалар,
Элибиздин жаны менен барабар.
Сансыз кылым Ала-Тоосун мекендеп,
Сактап келди биздин ата-бабалар.

*Кайырма:*
Алгалай бер, кыргыз эл,
Азаттыктын жолунда.
Өркүндөй бер, өсө бер,
Өз тагдырың колуңда.

Байыртадан бүткөн мүнөз элиме,
Досторуна даяр дилин берүүгө.
Бул ынтымак эл бирдигин ширетип,
Бейкуттукту берет кыргыз жерине.

*Кайырма:*

Аткарылып элдин үмүт-тилеги,
Желбиреди эркиндиктин желеги.
Бизге жеткен ата салтын, мурасын,
Ыйык сактап, урпактарга берели.

*Кайырма:*

З. Ж. МАМБЕТОВА, Т. В. АРХИПОВА

# ВАТАНШИНОСӢ



китоби дарсӣ барои
синфи якум

Нашри аввал

*Бо Тасдиқи вазорати омӯзишӣ ва илмҳои*
*Ҷумҳурии Қиргизистон*

КУТААЛАМ

БИШКЕК – 2011

Кыргыз Республикасы
Лейлек районлук
билим ... бөлүмү
АНДАРАК
ОРТО МЕКТЕБИ
Кыргызская Республика
Лейлекский районный отдел
образования
СРЕДНЯЯ ШКОЛА
АНДАРАК
«.....».....................19...... ж.г.
№ 281

УДК 373.167.1
ББК 26.89 Я721
М 22

Нашрияи чоп дар чорчӯби «Лоиҳаи дуюми омӯзишӣ», ки аз тарафи Бонки рушди Осиё сармоягузорӣ мешавад, нашр гардид. Гранд № 0020 KGZ (SF). Шартнома № MOES ICB LTM - I.

**Мамбетова З. Ж., Архипова Т. В.**

М 22 **Ватаншиносӣ.** Китоби дарсӣ барои синфи 1. – Б.: «Кутаалам», 2011. – 64 б.: расм.
ISBN 978-9967-26-243-0

***Аломатҳои шартӣ***

*Муҳокима кардан дар мавриди ҷуфтӣ*

*Муҳокима кардан дар гурӯҳҳо*

? *Фикр кун*

*Тасвир кун, ба дафтар навис, ҷумла тартиб деҳ*

! *Ёд гир, дар хотир нигоҳ дор*

☺ *Номбар кун, нақл кун*

● *Аз ёд кун*

*Муаллим мехонад*

◇ *Аз рӯи расм (сурат) нақл кун*

* *Муқоиса кун, ба қисмҳо ҷудо (тақсим) кун*

△ *Маънидод кун (бифаҳмон)*

*Назорат кун*

**М 4306020900-11**

**УДК 373.167.1**
**ББК 26.89 Я721**

ISBN 978-9967-26-243-0

© ВОвИ ҶК, 2011
© Мамбетова З., Архипова Т., 2011
© «Кутаалам», 2011

# МАН – ИНСОН (ШАХС) *Дарси 1-ум*



◇ Ба расм нигоҳ карда, дар он чӣ тасвир шудааст, нақл кун.

## Дасти ман

☺ Номҳои ангуштонатро дар хотир нигоҳ дор.



Ангуштҳо:

*ангушти калон*
*ангушти ишорат*
*ангушти мобайнӣ*
*ангушти беном*
*ангушти хурдак*
*кафи даст*



Оиди воқеъаҳои якрӯзаи хона ва дабистонро нақл кун.







Донишҷӯй чӣ тавр бояд шавад?

Хусусиятҳои хубӣ инсониро номбар кун.

Хусусиятҳои бадӣ инсониро номбар кун.

Бо садои баланд хусусиятҳои хуб ва бади инсониро муқоиса кун.

Фаҳмонда деҳ. Барои чӣ донишҷӯй бояд дар рафтор намуна шавад?



*Дарси 2-юм* **ДӮСТӢ ВА РАФОҚАТ**

Ин оила ва хешу ақрабои ман.



**Оилаи мо бо ҳам иттифоқанд.**

Дар бораи оилаат нақл кун.

◇ Аз рӯи ин расм (сурат) сӯҳбат гузаронед.

Чӣ тавр ба волидонат дасти ёрӣ (кӯмак) мерасонӣ?



✣ Аз рӯи муносибати аъзоёни оила назорат кун.

Дар хона кӣ бо чӣ машғул аст?

☺ Ту чи тавр волидонатро, бародару хоҳаронатро шод мегардонӣ?







**Аз рӯи ҳамсояҳоят назорат кун**

? Оё ту номи ҳамсояҳоятро медонӣ? Онҳо бо чи кор машғул ҳастанд?



## Ҳамсинфонам ва рафиқонам бо ҳам иттифоқанд



Аз рӯи муносибати ҳамсинфону рафиқонат назорат кун.

? Чӣ гуна муносибатҳои ҳамсинфонат ба ту маъқул аст?

* Чӣ гуна муносибатҳои ҳамсинфонат ба ту маъқул нест?



**ДӮСТИРО ҶУСТУҶӮ ДОРЕМ МО ...**

## ОЁ ИНРО МЕДОНӢ? *Дарси 3-юм*

**Чароғаки роҳнамо.**

Шумо дар кӯчо чароғаки роҳнаморо дидаед? Вай дар кадом қисми роҳ ҷойгир аст?

Аломатҳои чароғаки роҳнаморо бо тартиб номбар кун.



? Дар ранги сурхи чароғаки роҳнамо, чӣ кор кардан лозим аст?



Дар ранги зард чӣ?

Ва дар ранги сабз чӣ?



? Дар кадом ранги чароғаки роҳнамо шумо аз роҳ мегузаред?

? Дар кадом ранги чароғаки роҳнамо мошинҳо қарор мегиранд?

Ва дар кадом ранги чароғаки роҳнамо мошинҳо роҳ меравант?

! Вақти аз роҳ гузаштан ба чароғаки роҳнамо нигоҳ кун!

**ФАҚАТ ДАР РАНГИ САБЗИ ЧАРОҒАКИ РОҲНАМО АЗ РОҲ ГУЗАР!**

**Дар муҳити атроф бениҳоят ашёҳои гуногун бисёранд.**

◇



* Ба ашёҳо ва чизҳо нигоҳ кун!

Аз рӯи шакл ва ранг онҳоро ҷудо кун!



## Чӣ дар об ғарқ мешавад ва чӣ ғарқ намешад?

Ашёҳое, ки дар об ғарқ намешаванд, номбар кун.

◇ Ашёҳое, ки дар об ғарқ мешаванд, номбар кун.

* Онҳоро муқоиса ва тавсиф кун.



## Хӯроки мо

Хӯроке, ки пагоҳирӯзӣ истеъмол кардӣ чӣ ном дорад? Хӯроке, ки нисфирӯзӣ истеъмол кардӣ чӣ ном дорад? Хӯроке, ки ту бегоҳирӯзӣ хӯрдӣ чӣ ном дорад?

◇



Бигӯ, барои кӯдакон кадом хӯрок фоиданок аст?

## Чиро хӯрдан мумкин нест?

! Аз хӯрдани гӯшти нопухта, шири хом, мева ва сабзавоти ношуста худро нигоҳ дор! Аз хӯрдани хӯроки ганда шуда (вайрон шуда) худро нигоҳ дор!



✱ Растаниҳоро муқоиса кун. Ҳаҷм, ранг ва шакли онҳо чӣ гунаанд?

◇



✱ Паррандагон чӣ монандӣ доранд, муқоиса кун?
? 





✱ Дар бораи ҳайвонҳои хонагӣ сухан рон.



Онҳо чӣ монандӣ доранд?



* Дарахтонро муқоиса кун.

Шакл ва ранги онхо чи гуна аст? Дарахтон чи монандӣ доранд?



## Сармо ва гармӣ

Дар вақти яхро дар ҷои гармӣ гузоштан, чӣ ҳодиса рӯй медиҳад?

? Дар вақти обро ба яхдон гузоштан чӣ ҳодиса рӯй медиҳад?



! Дар хотир нигоҳ дор!

*Агар дараҷаи ҳарорати об поин аз 0 бошад, об ях мекунад, баръакс агар дараҷаи ҳарорати об боло аз 0 шавад, ях ба об табдил меёбад.*

## Мо инро медонем?

? Нишонаҳои чароғаки роҳнамо чиро мефаҳмонад?

Дар об чӣ ғарқ мешавад ва кадом чиз ғарқ намешавад? Дар кадом ҳолат об ях мекунад? Агар ҳарорат аз 0 дараҷа боло равад, ях ба чӣ табдил меёбад. Чиро хӯрдан мумкин нест?

*Дарси 5-ум* **БАДАНИ МАН**

Тарафи рост ва чапи бадани худро нишон деҳ!

Дар куҷо ҷойгир шудани дил, меъда, шуш, ҷигар ва гурдаро нишон деҳ!

Фаъолият ва вазифаҳои онҳоро бигӯй!



◇

*Сар*
*Гардан*
*Гулӯ*
*Пушти сар*
*Қафаси сина*
*Пушт*
*Китфҳо*
*Миён*
*Пойи рост.*
*Пойи чап*
*Дасти рост.*
*Дасти чап*
*Паҳлӯ*



*Дасти ман*




*Пойи ман*




Фаъолияти чашмонат, гӯшҳоят, бинӣ ва забонатро фаҳмонда деҳ!



Мо муҳити атрофамонро мебинем, садоҳо ва овозҳоро мешунавем ва бӯйҳоро ҳис мекунем.

Таъми хӯрокҳоро медонем. Бо восиҭаи пӯсти бадан гармӣ ва сардӣ, сахтӣ ва нармии ашёҳоро эҳсос мекунем.

*Дарси 6-ум* ЭҲТИЁТКОРӢ ДАР ХОНАВОДА

◇ Ин чизҳои бобоям ва бибиам.



Чизҳои дар расм тасвир шударо номбар кун.

Оё ту метавонӣ эҳтиёткорона аз онҳо истифода барӣ?



**АЗ БУРИДАН ЭҲТИЁТКОР БОШ!**

? Шамъро бо эҳтиёт бо гӯгирд рӯшан кун

**БО ОТАШ БОЗӢ НАКУН, ХАТАРНОК АСТ!**



Оиди шабу рӯз нақл кун.
Оиди фаслҳои сол шарҳ деҳ.

◇ Растанӣ чи тавр месабзад?



* Паррандаҳо чи тавр месароянд? Хониши паррандагонро тақлид карда метавонӣ? Овозҳои паррандагонро бо чӣ муқоиса карда метавонӣ?

Дар муҳити ҷаҳон ҳодисаҳои гуногун рӯй медиҳанд. Растаниҳо месабзанд. Рӯз бо шаб иваз мегардад, фаслҳои сол такрор мешаванд.

Чароғаки роҳнамо дорои чӣ гуна ишораҳо аст? Дар кадом ранги чароғаки роҳнамо мошинҳо дар роҳ равон мешаванд? Дар кадом ранги чароғаки роҳнамо мошинҳо қарор мегиранд?

## *Дарси 8-ум* ТОЗАГӢ ВА ТАМИЗӢ

Хамири (паста) дандон, собун, собундон, рӯйпоккун, мисвоки дандон ва шона?



> **!** Дандонҳоятро ҳар рӯз, субҳ ва бегоҳӣ тоза кун!

Дандонҳоятро эҳтиёт кун!












* Аз рӯи расм хонандаҳоро муқоиса кун. Кадоми аз онҳо сариштакор (бо тартиб) аст?

**!** Дар кисаи ту ҳамеша бояд дастрӯмоли тоза бошад. Кӯшиш кун, ки ботамизу сариштакор бошӣ.

ҲАМЕША ТОЗА ВА ОЗОДА БОШ!

Бо корд ва чангол (вилка) чӣ тавр истифода бурдан лозим аст?



Фаромӯш накун, ки чангол бояд дар дасти чап бошаду корд дар дасти рост.

Хонандаи синфи-1 истифодаи ҳароратсанҷро (термометр) медонад.

Фаҳмонед, ки ҳароратсанҷ барои чӣ лозим аст?

Бо ҳароратсанҷ ҳарорати баданатро бисанҷ.

Эҳтиёт кун, ки ҳароратсанҷро нашиканӣ!



Бифаҳмон, ки тақвим барои чӣ лозим аст.

Рӯзҳои иду таътилӣ ва рӯзи таваллудатро дар тақвим аломат гузор



*Дарси 9-ум*

## ТАҶҲИЗОТҲОИ БАРҚӢ ВА БЕХАТАРӢ

☺ Ба расмҳо нигоҳ карда ба лавозимоти барқӣ △ аломат гузор.

Ба асбобҳое аломат гузор, ки онро ҳар рӯз истифода мекунӣ.



## Ман асбобҳоро истифода карда метавонам.

Фаҳмонед, ки барои чӣ бо асбоҳои барқии хонагӣ бояд эҳтиёткор бошем.

Истифодаи асбоҳои хонагиро нишон деҳ. Инро бояд чӣ тавр кард.

### Барқро исроф накун.



△ Барои исроф накардани барқ мисол овар? Барои чӣ мо бояд барқро исроф накунем?



? Берунаш – тобистон,
Дарунаш – зимистон.

Дар сандуқчаи оддӣ,
Ҳама чизро меёбӣ.

Бе обу бе ҷорӯб,
Хонаро мерӯбад хуб!





## *Дарси 10-ум* АНҶОМҲОИ ХОНА

Номҳои дар расм тасвир карда шударо номбар кун. Фаҳмон, барои чӣ онҳо лозиманд?





☺ Дар расм чӣ тасвир карда шудааст, нақл кун. Кӣ бо чӣ кор машғул аст?

Барои рӯбучин ва саришта кардани хона, чиҳо истифода бурда мешавад?

Барои рӯбучин ва саришта кардани ҳавлӣ, аз чиҳо истифода мебаранд?

Барои нигоҳубин кардани ҳайвонҳои хонагӣ чӣ лозим аст?

Барои дар боғ кор кардан, чиҳо истифода бурда мешаванд?

Барои рӯбучин ва саришта кардани хонаву ҳавлӣ чӣ тавр ба волидонат ёрӣ мерасонӣ?

Чи тавр миқдори партовҳоро кам кардан лозим аст?

Ҳамаи партовҳоро пеш аз дур андохтан, онро ба қисмҳо тақсим кун. Талаб карда мешавад, ки боқимондаҳои хӯрокворӣ, қоғазпораҳо ва шишаҳои пластикиро алоҳида-алоҳида ҷудо кунӣ.



Ин чист?



*Дарси 11-ум*

# ИДҲО

Воқеаи дирӯзаро ба хотир ор ва онро нақл кун.

Ҳодисаи ҳафтаи гузаштаро ба хотир ор ва онро нақл кун.

Ҳодисаи соли гузаштаро ба хотир ор ва онро нақл кун.

Ту чӣ тавр соли гузашта зодрӯзатро ҷашн гирифтӣ, нақл кун.

◇ Ба сурат нигоҳ карда, нақл кун.



Дар тақвим ба зодрӯзат, айёми хониш ва таътилҳо нишона гузор.

Дар бораи иди дӯстдоштаат нақл кун.

Расм бикаш.

# ИДҲОИ АҶДОДҲОЯМОН

*Дарси 12-ум*

Наврӯз яке аз идҳои аҷдодии мо мебошад. Онро 21-марти соли мелодӣ ҷашн мегиранд. Дар ин рӯз ҳама ҷоро тозаю озода карда дастурхони идона мегузоранд.

Хонаро бо дуди арча ё сипанд тоза мекунанд.

Аҷдодони мо арчаю сипандро «алас-алас» ё «бало дур» гуфта барои дур кардани маризӣ, чашми бад истифода мекарданд.

Дар бораи ҷашнгирии иди Наврӯз ва идҳои хонагӣ нақл кун.



◇ Ба сурат нигоҳ карда, нақл кун.

☺ Номҳои ҳафт пуштатро номбар кун.

* Ҳаёти оилаатро бо ҳаёти гузашта ва ҳозира муқоиса кун.



# АНЪАНАҲОИ ИДИ НАВРӮЗ.



Яке аз қадимтари анъанаҳои гузаштагони мо дар иди Наврӯз пухтани Суманак мебошад. Суманак аз сабзаи гандум тайёр карда мешавад. Дар гирди деги Суманак шодию хурсандӣ мекунанд ва ин суруди баҳориро месароянд:

Суманак дар ҷӯш мо кафча занем,
Дигарон дар хоб мо дафча занем.
Суманак бӯи баҳор аст,
Суманак оши наҳор аст.
Дили деҳқон беқарор аст,
Суманак мавсими кор аст.



Шеърро аз ёд ва маънидод кунед.



Дар боғ себҳо пухтанд. Онҳо якчанд намуданд. Себи сурх, зард, сабз. Дар дохили себ донакчаҳо ҳаст. Агар донакро ба замин шинонӣ, баъди як чанд вақт аз вай ниҳол месабзад.

! Дарохтон дар баҳор гул мекунанд. Дар фасли тирамоҳ меваҳо мепазанд. Ҳосили боғро дар тирамоҳ ҷамъ мекунанд.

☺ Агар донаки себро ба замин шинонем чӣ тағирот рӯй медиҳад?



**СЕБ – АЗ ВИТОМИНҲО БОЙ АСТ**

## Дарахт дар чор фасли сол.



Дарахт дар як сол  чӣ тавр дигаргун шуда меистад: баҳорон, тобистон, тирамоҳ ва зимистон? Ин дигаргуншавиро дар тарзи шунавоӣ тасвир кун. Расмҳоро дар дафтарат  рангубор деҳ. Бигӯй, ки агар гулҳои синф муддати дароз бе об монанд чӣ ҳодиса рӯй медиҳад.

**Ба растанӣ рӯшноӣ, об, ҳаво ва замин лозим аст.**

# РОҲ БА СӮИ МАКТАБ *Дарси 14-ум*



Нақшаи роҳ аз хона то мактаб.

✍ Дар роҳи мактаб чиҳо мавҷуд аст?

Дар дафтарҳоятон роҳ ба сӯи мактабро тасвир кунед.

* Дар тасвир сурати хонаатро нишон деҳ.

Ба расмҳои ҳамсинфонат назар кун ва онҳоро бо расми худ муқоиса кун.

✍ Оё роҳи ба сӯи мактаб дароз аст ё кӯтоҳ, муайян кун. Тирукамонро тасвир кун. Рангҳоро омехта карда, ранги навро дарёб кун. Тирукамон кадом рангҳоро дорост? Тирукамон ба чӣ монанд аст? Кадом ранг ба ту маъқул аст?



Аз қоғаз шаклҳои гуногунро бурида гир. Ту чӣ гуна шаклҳоро буридӣ? Онҳо ба чӣ монандӣ доранд? Шаклҳои буридаатро бо шаклҳои буридаи ҳамсинфонат муқоиса кун. Кадом шакл ба ту маъқул аст?



*Ман кашидан ва ранг кардани расмро метавонам. Коғазро ҳам бурида метавонам.*

## *Дарси 15-ум* КИТОБИ ДАРСИИ МАН



Кӯдакон бо китоби дарсӣ чӣ тавр муносибат карда истодаанд, аз рӯи расм нақл кун. Ту бо китоби дарсиат чӣ тавр муносибат мекунӣ?



! Дар китоб афсонаҳои гуногун, шеърҳо ва чистонҳо чоп карда шудааст.

Аз рӯи китоб бисёр чизҳои шавқоварро донистан мумкин аст.

* Китоб барои доно шудан, ба ту ёрӣ медиҳад. Саҳифаҳои китобро чиркин накарда, варақҳояшро надаррон ва бошуурона ба китоб муносибат кун.

Ба рӯи китобҳоят муқова кун. Ба муқоваҳои китобҳои ҳамсинфонат нигоҳ кун ва бо муқоваи китоби худат муқоиса кун. Муқоваи китоби кӣ аз ҳама зебо аст?

**Китоб – дӯсти ман аст**

**Ченкуниро меомӯзем**



✥ Қади ҳамсинфҳоятро чен кун. Қад чӣ тавр чен карда мешавад? Нишон деҳ.

## *Дарси 16-ум* СИНФИ МО ТОЗАВУ ОЗОДА



Ин синфи мо. Синфамон равшан ва озода аст. Дар гулдонҳои рӯи токчаҳо гулҳо месабзанд.

◇ Ба тасвир нигоҳ кун ва нақл кун.

Барои чӣ хонандагон синфро рӯбучин мекунанд?

Шеърро маънидод кунед.

**Тозагӣ**

Дар мактаб мо мехонем
Менависему бозӣ мекунем
Партаю тирезаҳоро
Шуста тоза мекунем
Синфхонаро бо ҳам

Рӯфта тамиз мекунем
Дар синфхонаи озода
Бо баҳои аъло хонда
Мактабро мекунем хатм.

! *Ба ёд ор!*

Оё ту дар давоми рӯз ҷои худро ифлос кардӣ, партобаро дар роҳ ба сӯи хона ба кӯча партофтӣ? Ту бо пойафзоли ифлос ба мактаб ворид шудӣ? Баъди расмкашӣ дар рӯи фарш коғазпораро ночида мондӣ?



? Бигӯ, синфи ту тозаву озода аст?

Фаҳмон, чӣ тавр бояд синфро озода нигоҳ дошт?

☺ Барои он ки озодагии синфро тафтиш кунед, рӯйхат тартиб диҳед ва бо навбат тозагии синфро назорат кунед.

Чӣ тавр ҳарорати ҳаво дар синф ва берунро муайян мекунанд?

Ҳарорати синф ва берунро чен кунед ва ба дафтаратон нависед.

## *Дарси 17-ум* ДАР ОЯНДА МАН КӢ МЕШАВАМ?

Роҳи аз хона ба сӯи мактабро бикаш ва нақл кун.

Кӯдакон барои чӣ ба мактаб мераванд?

Дар оянда кӣ шудан мехоҳӣ?



## *Дарси 18ум* ХОНАИ МО

Фаҳмонда деҳ, барои чӣ падару модарат ба кор мераванд?

Дар бораи фаъолияти кории волидонат нақл кун. Падару модарат кадом асбобҳоро хариданд. Боз чӣ бояд харид, муҳокима кунед? Асбобҳои зарурии хонаро номбар кунед.

◇ Дар гузашта аҷдодони мо дар хайма зиндагӣ мекарданд.

Ба расмҳо нигоҳ карда, нақл кун.





Хайма бениҳоят зебо сохта шудааст.

Хайма сохта ва ҷамъ карда мешавад.

Ба дафтарат расми хаймаро тасвир кун ва онро рангубор деҳ.

# РӮЗ ВА ШАБ



◇ Ба сурат нигоҳ карда, нақл кун.

**Чистонро ёб**

Шаб хобу рӯз бедор
Барои табиат даркор. (О...б)

Чароғи шаб дар осмон
Дар замин нест, мисли он. (М.ҳ)

Вақте ки офтоб мебарояд, атрофро мунаввар месозад.

* Офтоб бо нури худ одамон, наботот ва ҳайвонотро қувват медиҳад.

Шабона атроф (муҳит), чӣ тавр намудор мешавад? Дар осмон чиҳо намудор ҳастанд? Дар бораи моҳу ситораҳо чиҳоро медонӣ? Нақл кун.




◇ Ба сурат нигоҳ карда, нақл кун.



! *Дар хотир нигоҳ дор!*

Рӯзу шаб якҷоя шабонарӯзиро ташкил медиҳанд. Як шабонарӯз аз 24 соат иборат аст.

Ҳафта аз чанд рӯз иборат аст?

Рӯзҳои ҳафтаро дар хотир нигоҳ дор.

Рӯзи 1-ум - душанбе
Рӯзи 2-ум - сешанбе
Рӯзи 3-ум - чоршанбе
Рӯзи 4-ум - панҷшанбе
Рӯзи 5-ум - ҷумъа
Рӯзи 6-ум - шанбе
Рӯзи 7-ум - якшанбе

Як сол аз 12 моҳ иборат аст. Номи моҳҳоро дар хотир нигоҳ дор.

*Дарси 20-ум* **САЛОМАТИИ ХУДРО ЭҲТИЁТ КУН**





◇ Дар акс чӣ тасвир шудааст, бигӯ!

* Саломатии писари солиму беморро муқоиса кун!

Барои чӣ писари дуюм бетоб шуд?

Чӣ лозим аст, барои солим будан?









△ Маънидод кун! (фаҳмон)



Барои чӣ даст ва дандонҳоро шустан лозим?

Барои чӣ меваю сабзавотҳоро шустан лозим?

! *Дар хотир нигоҳ дор!*

***Ба саломатии худ эҳтиёткорона муносибат кун. Касалиҳои зиёде мавҷуданд. Аз айёми кӯдакӣ саломатиатро нигоҳ дор. Дар рӯзҳои сард ва хунук либоси гарматро пӯш. Пойҳоятро дар гармӣ нигоҳ дор.***

***Рост гард. Аз касалиҳои сироятkунанда эҳтиёт шав. Оби наҷӯшидаро нанӯш.***

***Хӯроки кӯҳнашударо нахӯр.***





! Хоҳӣ, ки ҳамеша солим бошӣ – дастонатро пеш аз хӯрок хӯрдан бо собун шӯй.

**САЛОМАТӢ - БОИГАРИИ АСОСИИ ИНСОН АСТ**

*Дарси 21-ум* **ЭҲТИЁТКОР БОШ, САЛОМАТИАТРО ҲИФЗ КУН.**

Чӣ тавр эҳтиёткор шудан лозим, вақте ки чой мерезӣ?Дар хотир овар , ки ягон бор беэҳтиётона обро аз чойник резонда бошӣ?

Барои чӣ?

Ашёҳои тези хонагиро номбар кун.



**!** Аз сӯзан эҳтиёт шав ва ногаҳон зер карда ба болояш набаро. Бо қайчӣ ва корд бозӣ накун.

Кадом намуди ашёҳои захролудро ту медонӣ? Мисолҳо биёр.

Ба автобус чӣ тавр эҳтиёткорона нишастан лозим?





Дар автобус чӣ тавр рафтан лозим аст? Дар вақти дар автобус рафтан ва нишастан худро чӣ тавр нигоҳ доштан лозим? Бо корд чӣ тавр муносибат кардан лозим аст?

# ТАБИАТРО МУҲОФИЗАТ КУНЕД

*Дарси 22-ум*



Дар расм чӣ тасвир карда шудааст, нақл кун.
Дарахтро чӣ тавр парвариш кардан лозим?
Гулҳоро чӣ тавр парвариш кардан лозим?
Сабзавотҳоро чӣ тавр парвариш кардан лозим?

Барои чӣ одамон дарахтҳоро мешинонанд?



Мо ҳайвонҳоро нигоҳубин мекунем. Онҳо дӯстони мо мебошанд.

Намоиши ***«Ҳайвони дӯстдоштаи ман»*** – ро ташкил кунед.

*Дарси 23-ум* **ДАР БОРАИ ХУДАМ НАҚЛ МЕКУНАМ**



Ба дӯстам нома менависам

Номи ман

____________________________

____________________________

____________________________

Ман соли ____________________________

________________________ таваллуд шудаам.

Манзили ман ____________________________

______________________________________________________

______________________________________________________

Ном ва рақами мактаби ман ________________________

______________________________________________________

______________________________________________________

Номи ҳамсинфони ман ____________________________

______________________________________________________

______________________________________________________

______________________________________________________

**Навиштаатонро муҳокима кунед.**

**Чӣ гуфтан лозим?**

Кадом вақт миннатдорӣ изҳор кардан лозим?!



Кадом вақт бахшиш пурсидан лозим?



Кадом вақт иҷозат пурсидан лозим?

Барои чӣ миннатдорию бахшиш пурсиро омӯхтан лозим? Дар бораи ин хислатҳо ягон ҳикоя нақл кун. Мисол ор.







Иҷозат ва бахшиш пурсидан маданятнокии туро нишон медиҳад. Ин калимаҳоро истифода бурда, ту ҳурмат ва эҳтироми худро ба одамони атрофат изҳор мекунӣ.





*Дарси 24-ум* **ХОНАИ МАН**





◇ Хонаи худро тасвир кун.

✍ Дар даруни хона чиҳо мавҷуд аст? Дар бораи хонаи худ 1-2 ҷумла навис ва хонда деҳ.

Ҳамсинфонат чиҳо навиштаанд, бихон!

* Тасвири хонаҳоро муқоиса кун. Чӣ хел намуди хонаҳо мавҷуданд? Кадом намуди хонаро дар оянда ту сохтан мехоҳӣ? Онро тасвир кун.

**Бозиҳое, ки мо бозӣ мекунем**









◇ Ба расмҳо диққат диҳед. Бигӯед, ки дар кадом бозӣ писарҳо ва дар кадом бозӣ духтарҳо бояд иштирок кунанд.

Дар барои бозии дӯстдоштаат нақл кун.

## ТАБИАТ *Дарси 25-ум*

Кадом намуди растаниҳо дар мактаб мавҷуданд? Шумо онҳоро чӣ тавр парвариш мекунед? Баргҳои растаниҳои гуногунро муқоиса кунед. Онҳо ба чӣ монандӣ доранд?



Растаниҳое, ки дар мактаб мавҷуданд тасвир кунед ва дар бораи онҳо ҳикоя тартиб диҳед. Ҳикояи навиштаатонро хонед. Ҳикояҳои навиштаи ҳамсинфонатонро хонед. Рӯйхати навбатчиён, ки онҳо растаниҳои дар мактаб ва дар синф бударо парвариш мекунанд, тартиб диҳед.

*Дарси 26-ум*

# ХАЛҚҲОИ МАҲАЛЛИ ЗИСТИ МО



## Дӯстони ман

Дӯстони ман рус, кореягӣ ва дунган мебошанд. Мо ҳамеша бо ҳам бозӣ мекунем. Ҳамдигарро эҳтиром мекунем.

? Дар ҷумҳурии Қирғизистон кадом миллатҳо зиндагонӣ мекунанд. Дӯстони ту аз кадом миллатанд. Дар бораи дӯстат ҳикоя тартиб деҳ.

Дар Ҷумҳурии Қирғизистон намоняндагони миллатҳои гуногун зиндагонӣ мекунанд. Ҳар оила дорои урфу одат ва арзишҳои миллии худ мебошанд. Онҳо урфу одат ва анъанаҳои гузаштагони худро нигоҳ медоранд.

Талабаи бо маданият хушрафтор мешавад. Кадом хонанда хушрафтор шуморида мешавад?

☺ Дар синфи шумо писарон ва духтарони хушрафтор мавҷуд ҳастанд?

## Ба суханони муаллим таваҷҷӯҳ кун

Баъзе хонандагон сабр карда наметавонанд. Онҳо ба ҳеч кас навбат надода, худашон беист сухан меронанд.

Ба дигарон аҳамият деҳ, ки онҳо ҳам имконияти суханронӣ доранд. Онҳо низ мехоҳанд, фикри худро баён кунанд.

Ба онҳо имконият деҳ, ки фикри худро баён кунанд, ҳамеша бо сабр бош.

Баъзе талабагон суханони муаллимро гӯш намекунанд,ба дарс халал мерасонанд. Оё ин дуруст аст?

*Мактаббачаи бо маданият медонад,ки худро дар ҷамъият чӣ тавр нигоҳ дорад.*

*Ба воситаи ин вай эҳтиром нисбат ба муаллимро нишон медиҳад.*



## *Дарси 27-ум* ҚОИДАИ РАФТОР





◇ Ба расм нигоҳ карда, бигӯ, чиро дида истодаӣ? Маънидод кун! (фаҳмон). Барои чӣ ронандагон ва роҳгузарон ба қоидаи ҳаракати роҳ риоя мекунанд?









? Агар риоя накунанд, чӣ ҳодиса рӯй медиҳад? Мисол ор!

Қоидаи ҳаракати роҳро муҳокима кунед.

? Қоидаи ҳаракати роҳро медонӣ?

Қоидаи ҳаракти роҳро муҳокима кунед.

Оиди рафтору одоб дар мактаб қоида тартиб деҳ ва рӯйхати онро бинавис.

* Хонандагон масъуланд ба ваъдаи додаашон вафо кунанд. Касе, кӣ ба ваъдааш амал намекунад, мисол ор! Кӣ ҳамеша аз ваъдаи додаи худ мебарояд? Мисол оред. Муқоиса кунед. Бо кадоми аз онҳо дӯст шуданро мехоҳӣ?



## *Дарси 28-ум* ТАБИАТИ ВАТАНРО ЭҲТИЁТ КУНЕД

Қирғизистон – давлати зебоманзар. Дар ин ҷо кӯҳҳои баланд ва дарёҳои пур аз обҳои зулол мавҷуд аст.



Дар сарзамини ватани мо бисёр намуди алафҳои доругӣ мерӯянд, ҷангалзорҳои бисёр мавҷуданд ва намуди бисёри парандагону ҳайвонҳо зиндагӣ мекунанд.

Ҳамаи инҳо – зебогии Ватани мост.

Муҳофизат кардани табиати ватанамон вазифаи ҳар яки мо мебошад.

Ахлотҳоро ба дарёҳо ва ҷойҳои дигар бояд напартоем. Гулҳоро набояд канем. Растаниҳо ва ҳайвонҳоро бояд муҳофизат кунем. Обу ҳаворо ифлос накунем

? Шумо ахлотҳоро ба куҷо мепартоед? Барои чӣ гулҳоро кандан мумкин нест? Барои чӣ табиатро муҳофизат кардан лозим аст?

△ Барои чӣ табиатро муҳофизат кардан лозим аст?



! *Биеёд, бо ҳам табиати*
*кишварамонро муҳофизат*
*мекунем.*
*Ахлотҳоро дар ҳар*
*ҷойҳо намепартоем.*
*Гулҳоро набояд канем.*
*Растаниҳо ва ҳайвонҳоро*
*бояд муҳофизат кунем.*
*Дӯстдори ҷойу макон ва*
*табиати зебои ватани*
*азизамон бошем.*





## *Дарси 29-ум* ВОЛИДОНАМРО ЭҲТИРОМ МЕКУНАМ

◇ Ба расм нигоҳ карда, нақл кун.






? Ба падару модарат чӣ тавр ёрӣ мерасонӣ? Ту додар ва хоҳари хурдакак дорӣ? Ту ба онҳо чӣ хел муносибат мекунӣ? Оё ту хоҳар ё бародари калонсол дорӣ? Ту ба онҳо чӣ тавр ёрӣ мерасонӣ? Онҳо чӣ тавр ба ту ёрӣ мерасонанд?

✣ Чӣ тавр ҳурмат кардани волидонатонро дар бозӣ нишон диҳед.

△ Барои чӣ хубу аъло хондан лозим аст, фаҳмонда диҳед? Барои чӣ ҳамеша тозаву озода бошем? Барои чӣ пас аз худ сарамҷон кардан лозим?





Дар байни ҳар миллат эҳтироми падару модар ва калонсолон мавҷуд аст. Калонсолон – бобою бибиҳо ҳамеша дар сафи боло бояд нишинанд. Хурдҳо бояд аввалин шуда ба онҳо салом диҳанд. Суханони калонсолонро дар вақти гуфтугӯ бояд набуранд. Мо бояд ҳамеша ба калонсолон кӯмак (ёрӣ) расонем.





? Барои чӣ волидонамонро эҳтиром кардан лозим аст?

## *Дарси 30-ум* МАН ОДАМОНРО ҲУРМАТУ ЭҲТИРОМ МЕКУНАМ

◇ Ба расмҳо нигоҳ карда муҳокима кунед.





**Бо бозӣ нишон диҳед.**



✦ Шумо чӣ хел бо одами кӯҳансол салом мекунед? Оё шумо бо одами ношинос салом мекунед?

? Барои чӣ муаллимон, кӯҳансолон ва дӯстонро ҳурмат кардан лозим аст?

Роҳбар чӣ кор карда истодааст? Дар бозӣ кори роҳбарро нишон диҳед.

# МУҲИТИ АТРОФРО БО ТОЗАГӢ НИГОҲ МЕДОРЕМ

*Дарси 31-ум*



◇ Дар расм чӣ тасвир карда шудааст, муҳокима кунед. Партов аз куҷо пайдо мешавад? Барои чӣ партовро ба ҳар куҷо партофтан мумкин нест?

Партов чӣ хел зарарҳо дорад? Дар бораи кам кардани партовҳо ҷумла тартиб диҳед.









Барои чӣ дар хона ва мактаб ба тартибу тозагӣ риоя бояд кард? Барои чӣ муҳити артофро бо тозагӣ ҳимоя кард?

Мо дар мактаби калону равшан мехонем. Мактаби мо тоза ва зебо аст.

Дар мактаб мо дониш меомӯзем.

Бояд дар мактаб ба тартибу тозагӣ риоя кунем.

Шумо дар бораи тозагии хона ва мактаб чӣ гуна кӯшиш мекунед?

Нақл кунед.

# ТАРТИБИ РӮЗ

*Дарси 32-ум*




◇ Ба расм нигоҳ карда нақл кунед.

Субҳ шумо чӣ кор мекунед?
Пас аз дарс шумо чӣ кор мекунед?
Чӣ тавр ба волидонат ёрӣ мерасонӣ?
Фаҳмонед, барои чӣ тартиби рӯз лозим аст?

**ҲАМЕША БО ТАРТИБ БОШ!**
**БА САРОСЕМАГӢ РОҲ НАДЕҲ!**




Ман ҳар рӯз барвақт мехезам.

Шустушӯ мекунам, нонушта мекунам ва дер намонда ба мактаб меравам. Ман дар мактаб хонда, дониш мегирам. Пас аз дарс ба модарам ёрӣ мерасонам, хонаро рӯбучин мекунам. Баъд дарсҳоямро тайёр карда бо дӯстонам бозӣ мекунем. Барои иҷрои ҳамаи корҳо дастрас мебошам.

? Барои чӣ ба тартиби рӯз амал кардан лозим, муҳокима кунед.

! Ба дафтаратон тартиби рӯзатонро нависед.

Аз давраи кӯдакӣ ба қадри вақти худ расиданро омӯхтан лозим аст.

Дар як рӯз метавонӣ бисёр корҳоро иҷро кунӣ.

## ВАЗИФАИ ХОНАНДАГОН *Дарси 33-ум*

Суруди миллии (Гимни) Ҷумҳуриамонро халқи мо рост истода мешунаванд, чунки дар он вазифаҳои ҳар яки мо дар назди давлат гуфта шудааст. Вазифаи мо ҳифзи Ватан ва тараққӣ додани он аст.

Вазифаи ҳар як талаба дар мактаб хондан ва гирифтани дониши мустаҳкам аст, барои ҳамин нағзакак хон. Муаллимро бо диққат гӯш кун, хомӯш шин, ба дигар талабагон халал нарасон. Барои аниқ иҷро кардани ҳар як вазифаи муаллим кӯшиш ва ғайрат кун.





Боз кадом вазифаҳоро хонанда бояд иҷро кунад? Ба дафтаратон нависед.

? Ту чӣ тавр ба рафиқонат ёрӣ мерасонӣ?

Ба ҳамсояат кӯмак мекунӣ?

! Дар хотир дор. Вазифаи хонанда – одами хуб будан ва ба Ватан хизмат кардан аст.

## *Дарси 34-ум* ҲАЙВОНОТ ВА РАСТАНИҲОРО НИГОҲУБИН МЕКУНЕМ



Одамон гову гӯсфандон, аспу буз ва паррандагонро дар хонаҳо парвариш мекунанд. Гов шир медиҳад. Гӯсфанду буз гӯшту пашм медиҳанд. Асп ба кори хоҷагӣ кӯмак мекунад. Ҳамаи ин дар зиндагӣ барои одам зарур аст.



? Барои чӣ ҳайвоноту растаниҳоро нигоҳубин кардан лозим? Барои чӣ одамон чорводорӣ мекунанд? Барои чӣ дар хонаву мактаб растаниҳоро парвариш мекунем? Барои нигоҳубини ҳайвонҳо чӣ тавр кӯмак мерасонӣ? Барои парвариши растаниҳо чӣ кор мекунӣ?

Растаниҳо ба хонаи мо зеб медиҳанд ва ҳавои хонаро тоза мекунанд.
Одамон аз бисёр намуди растаниҳо ва ҳайвонҳо ҳар хел таомҳо тайёр мекунанд, ки барои саломатии мо фоиданок аст.

◇ Аз рӯи расм нақл кунед.



# МУНДАРИЧА:


Ман – инсон ..................................................5
Дӯстӣ ва рафоқат.........................................8
Оё инро медонӣ? .......................................11
Монананд ё гуногунанд?.........................13
Бадани ман.................................................16
Эҳтиёткорӣ дар хонавода........................18
Ҳодисаҳои муҳити атроф ........................19
Тозагӣ ва тамизӣ .......................................20
Таҷҳизотҳои барқӣ ва бехатарӣ ..........22
Анҷомҳои хона..........................................24
Идҳо............................................................26
Идҳои аҷдодҳоямон.................................27
Анъанаҳои иди Наврӯз............................28
Падидҳои табиат.......................................29
Роҳ ба сӯи мактаб.....................................31
Китоби дарсии ман..................................32
Синфи мо тозаву озода............................34
Дар оянда ман кӣ мешавам? ................36
Рӯз ва шаб.................................................38
Саломатии худро эҳтиёт кун.................40
Эҳтиёткор бош,
ҳаёти худро ҳифз кун .............................42
Табиатро муҳофизат кунед.....................43
Дар бораи худам нақл мекунам ..........44
Хонаи ман. Бозиҳое,
ки мо бозӣ мекунем..................................46
Табиат ........................................................47
Халқҳои маҳалли зисти мо.....................48
Қоидаи рафтор ..........................................50
Табиати ватанро эҳтиёт кунед ..............52
Волидонамро эҳтиром мекунам ..........54
Ман одамонро ҳурмату
эҳтиром мекунам .....................................56
Муҳити атрофро бо
тозагӣ нигоҳ медорем ............................57
Тартиби рӯз ..............................................59
Вазифаи хонандагон................................61
Ҳайвонот ва растаниҳоро
нигоҳубин мекунем .................................62


---


**Мамбетова Заря Жусуповна**
**Архипова Татьяна Викторовна**

Китоб
Барои таълимоти умумии марказҳои таълимӣ.

**ВАТАНШИНОСӢ**
Китоби дарсӣ барои синфи-1.,
барои мактабҳои таълимоташон ба забони тоҷикӣ.

Муҳаррири масъул Б. Джапарова
Муҳаррири бадеӣ З. Мидинова
Рассом З. Мидинова
Тарҷумаи Ҳ. Аҳмадалиева
Муҳаррири техникӣ М. Курбанбаева
Саҳифабандии компюторӣ А. Арыкбаева
Мусаҳҳеҳ И. Турсунова

Ба чопаш 13.06.2011 имзо шуд. Андозаи 70x100/16.
Коғаз ва чопи офсет. Андозаи 80 г/м².
Ҷузъи чопи - 4,0 Адади нашр 280 нусха.
Супориши № LTM – 5/ML – BT

ш. Бишкек, кӯчаи Горкий 1. Нашриёти ОсОО «Кутаалам»
www.kutaalam.kg, e-mail.: kutaalam@netmail.kg
Тел: + 996 (312) 530 974, 534 863